Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст**

Масъалаи таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо яке аз масъалаҳои муҳим ва дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятии муосир маҳсуб меёбад. Муаллиф дар кори илмии худ кӯшидааст ин масъалаи мураккабро ҳам аз ҷиҳати назария ва ҳам аз ҷиҳати амалияи судӣ таҳқиқ намуда, тавзеҳу тавҷеҳи комил ва асоснок пешниҳод намояд.

Ногуфта намонад, ки мавзӯи мазкур дар шароити ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати таъмини адолати судӣ боз ҳам муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, муаллиф бо истинод ба таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои дигар, таҳлили ҳамаҷонибаи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таҷрибаи судии миллӣ кӯшидааст пешниҳодҳои мушаххас барои такмили қонунгузорӣ ва беҳтар намудани амалияи татбиқи он ироа намояд.

Автореферат ва диссертатсия дорои сохтори мантиқӣ ва пайдарпай буда, аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо иборат аст. Дар қисми муқаддимавӣ, муаллиф доираи масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро дақиқ муайян кардааст. Бобҳои асосӣ ба таҳлили категорияҳои назариявӣ ва механизмҳои амалии таъини ҷазо вобаста ба маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо бахшида шудаанд.

Дар бахши аввал, мафҳум ва аломатҳои маҷмӯи ҷиноятҳо ҳамчун як зуҳуроти сершумории ҷиноятӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф бо далоили ҳуқуқӣ ва мантиқӣ фарқи байни маҷмӯи ҷиноятҳо, такрори ҷиноят ва ретсидивро нишон дода, зарурати дифференсиатсияи ҳуқуқии онҳоро асоснок намудааст. Ин кор ба тавсеаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳм мегузорад.

Боби дуюм ба асосҳо ва хусусиятҳои таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо бахшида шуда, боби сеюм масоили таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳоро фаро мегирад. Дар ҳар ду боб муаллиф бо истинод ба амалияи судӣ ва қонунгузории амалкунанда мушкилоти амалии татбиқи меъёрҳоро баррасӣ намуда, пешниҳодҳои мушаххас ироа намудааст.

Мазмун ва навгониҳои илмии таҳқиқот, аз ҷумлаи натиҷаҳои муҳим ва навгониҳои илмие, ки дар автореферат баён шудаанд, метавон нуктаҳои зеринро ном бурд:

Муайян намудани мафҳуми сершумории ҷиноятҳо ва фарқ кардани он аз дигар шаклҳои кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ;

1.Тавсифи комили асосҳои таъини ҷазо дар шароити мавҷудияти чанд ҷиноят ё ҳукмҳои гуногун;

2.Шаклҳои муайянкунии ҷазои ниҳоӣ (пурра зам кардан, қисман зам кардан, дар бар гирифтани ҷазои сабуктар) ба таври муфассал таҳлил шудаанд;

3.Пешниҳоди иловаҳо ба моддаҳои дахлдори КҶ ҶТ ва КМҶ ҶТ, ки ба тавсеаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии он мусоидат мекунанд;

4.Тавсияи мустаҳкам намудани тарзи нави "мустақилона иҷро гардидани ҷазо" дар қонунгузории ҷорӣ, ҳамчун шакли чоруми таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо;

5.Пешниҳоди такмили Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф кардани баҳсҳои мавҷуда дар амалияи судӣ.

Маврид ба зикр аст, ки аксари хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф ба принсипҳои қонуният, адолат ва фардисозии ҷазо такя намудаанд, ки аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ доранд.

Муаллиф дар кори илмии худ малакаи таҳлили муфассал ва таҷрибаи кофии илмӣ нишон додааст. Манбаъҳои истифодашуда фарогир ва гуногунанд, аз ҷумла, қонунгузории миллӣ, таҷрибаи судии дохилӣ, санадҳои байналмилалӣ, назарияи ҳуқуқ ва андешаҳои ҳуқуқшиносони маъруф.

Матни автореферат мувофиқи талаботи муқарраргардида таҳия гардида, ба банди 31–35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.06.2021, №267) ҷавобгӯ мебошад. Матн равон, дақиқ ва мантиқӣ буда, дорои услуби илмӣ ва таҳлилӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин, дар баъзе маврид҄о масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки ба арзиши умумии илмии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд.Ислоҳи ҷузъии баъзе таҳрирҳо метавонад мукаммалии бештар бахшад. Дар саҳифаҳои 22–25 муаллиф андешаҳои гуногуни олимонро перомуни мафҳуми «сершуморагии ҷиноятҳо» ҷамъоварӣ менамояд, аммо ба ҷойи муқоисаи интиқодӣ ва арзёбии муфассали афзалият ва маҳдудиятҳои ҳар мавқеъ, хулосаи шахсӣ ба шакли хеле кӯтоҳ ҷамъбаст мешавад. Дар натиҷа бидуни асоснокии муқоисавӣ дарҳол таърифи мафҳуми сершуморагии ҷиноятҳоро ироа мегардад. Чунин тарзи пешниҳоди мавод вобаста ба талаботи таҳлили илмӣ арзиш ва асоснокии натиҷаҳои бадастомадаро коҳиш медиҳад.

Бо назардошти масоили муҳими таҳқиқшуда, сатҳи баланди таҳлил, арзиши назариявию амалии натиҷаҳо, пешниҳодҳои мушаххаси қонунгузорӣ ва таҷрибаи судӣ, метавон гуфт, ки диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзӯи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, як

таҳқиқоти мустақил, ҷиддӣ ва арзишманди илмӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**Такриздиҳанда:**
**Раиси суди ноҳияи Варзоб,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Абдуллозода Ҷ.А.**

**Имзои Абдуллозода Ҷ.А.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Исозода Д.О.**

**«21» 10 2025 с.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди ноҳияи Варзоб, 735103, н.Варзоб, Ҷамоати деҳоти Варзоб-қалъа, деҳаи Зоғар; тел: 8 (3153) 52-10-10;
web: http://varzob.sud.tj; e-mail: varzob@sud.tj